СУРАТМАҶЛИСИ №4/4
оид ба баргузории ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

аз 10 феврали 2025с. ш- Душанбе

Иштирок доштанд: мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., дотсент Каримов Д.Б. н.и.ҳ., муаллими калон Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов М.М., н.и.ҳ., Мирзоев Қ.Х., н.и.ҳ., Шарифзода Р.Ф. н.и.ҳ., Камолов Х.С. муаллими калон Юлдошева Г.М., ассистент., Абдуллозода Б.В. ассистент., Абдусаломзода Ҷ. ассистент Исматов Р.А., асситент Зоирова П.Ҷ. ва лаборанта кафедра Қурбонов С.Н.

Иштирок надоштан : д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода Ш.Н. н.и.ҳ., дотсент Миралиев Э.Б. ассистент., Миралиев Н.А.

1.1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилооти» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. қайд намуд, ки яке аз масъалаи ҷории ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатов Дилшод Махмадзарифович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш. ташкил медиҳад. Барои баёни мухтасари мубрамият, нуқтаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Давлатов Д.М. дода шуд. (Баромад замима мегардад). Баъди

баромади Давлатов Д.М. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаҳои диссертатсия ба устодони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ н.и.ҳ. дотсент Мирзоахмедов Ф.А. н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ва н.и.ҳ. дотсент Холиқзода Ш.Л. пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба диссертатсия дар ҷаласаи кафедра иброз намоянд. Нахуст сухан ба н.и.ҳ. дотсент Мирзоахмедов Ф.А. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Давлатов Д.М. иброз намуда, қайд кард, ки диссертатсия номзадии илмии Давлатов Д.М. дар сатҳи хуб омода шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст. Сипас, н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. баромад намуда, қайд кард, ки аз таҳлили диссертатсияи илмии унвоҷӯи кафедра Давлатов Д.М. бармеояд, ки он анҷомёфта мебошад. Дар маҷмуъ, диссертатсия дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, иброз намуд, дотсент Камолов З.А. Баъдан, устоди кафедра н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л. оид ба диссертатсияи номзадии Давлатов Д.М. чунин изҳор намуданд, ки дар ҳақиқат диссертатсия ба анҷом расидааст ва шакли комилро соҳиб аст. Ҳамчунин норасоиҳо ва камбудиҳое, ки қаблан дар кор мавҷуд буданд, бартараф шудааст. Талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани диссертатсияи номзадӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя карда шудааст. Бинобар ин, хуб мешавад, ки хулосаи кафедра ба унвонҷӯ дода шавад. Мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. низ андешаҳояшро оид ба диссертатсияи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, кайд кард, ки диссертатсияи номзадй дар сатҳи баланд навишта шудааст ва аз ин рӯ, қобили дастгирй мебошад. Ҳамин тариқ, устодони кафедра дар ҳайати н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А. н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ва н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л. ки диссертатсияи номзадияшро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода буданд, хулосаи мусбати худро вобаста ба рисолаи мазкур иброз намуданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло кафедра қарор мекунад,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи «Ҷдвобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотй» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадй илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва

криминология; хуқуқи ичрои чазои чиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 35 ва 37-и Тартиби додани дарачаҳои илмй, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва сахми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

2. Диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» чихати ҳимоя намудан барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмхои хуқуқшиноси аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои чиноятӣ (илмҳои хуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-H назди Донишгохи миллии 1 очикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Точикистон кабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар, аз ҷумла, 1 нафар доктори илмҳои хукуқшиносӣ, 12 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносй, 6 нафар ассистент. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар, суратмаҷлиси кафедраи хукуқи ҷинояти ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мудири кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ
ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
н.и.ҳ. дотсент — Раҳмонзода М.Ҷ.

Котиби маҷлис, — Қурбонов С.Н.

Имзои Раҳмонзода М.Ч. ва Курбоно ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш

Ҷумҳурии Тоҷикистон? ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj